ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100 –1.12

2021 йил "27" Август

"ТАСДИҚ ҚИЛАМАН"
Р.И.Халмурадов
________________
202__йил "___"______

# ТОЖИК ТИЛИ ТАРИХИ
фанидан
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| Таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

<table>
<tr><td>Фан/Коди модул<br>ТТТМ2007<br>(бакалавриат)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>202__-202__</td><td>Семестри 1</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>8</td></tr>
<tr><td>Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Соатҳои дарси ҳафтаина<br>6</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td>Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Таърихи забони тоҷикӣ</td><td>90</td><td>150</td><td>240</td></tr>
</table>

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯзондани фан – ба донишҷӯён оиди таърихи ташаккул ва давраҳои таърихии инкишофи забони тоҷикӣ донишҳои мукаммали ба талаботи андозаи ҷаҳон мутобиқро додан ва ба онҳо пайванди забони тоҷикиро бо гурӯҳи забонҳои эронӣ нишон додан, оиди хат ва имло, қонуниятҳои грамматикаи забони тоҷикии пешина маълумот додан аст.

Вазифаи фан ба мутахассисони ҷавон доир ба шакли аввалини грамматикаи забони тоҷикӣ маълумот додан; бо навъҳои хати пешин ошно намудан; хусусиятҳои луғавӣ, фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисии забони қадимаи тоҷикро омӯзонидан мебошад.

Омӯзиши ин фан ба воситаи истифодаи усулҳои анъанавию замонавии таълим, аз ҷумла пурсишҳои тестӣ, таълими барномавӣ, гузаронидани сӯҳбатҳо, коллоквиумҳо, таълими муаммовӣ, омӯзиши осорхонаҳо, корбасти васоити техникӣ ва роҳҳу усулҳои дигар амалӣ карда мешавад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Муқаддимаи фан. Мавзӯи баҳси фанни таърихи забон мақсад ва вазифаи он**

Мавзӯи баҳси таърихи забон ва аҳамияти он. Мақсад ва вазифаҳои фанни таърихи забон. Алоқаи забон бо ҷамъият. Инкишофи забон. Алоқамандӣ ва иртиботи таърихи забон бо илмҳои таърих, археология, этнография, полеонтология ва таърихи адабиёт. Мавқеъ ва нақши методи муқоисавӣ-таърихӣ дар омӯзишу баррасии таърихи забон. Пайдоиши давлатҳои аввалин

Мавқеи давлатҳои аввалин дар рушду такомули забон.

**Мавзӯи 2. Забони ҳиндуаврупоӣ. Грамматикаи оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ**

Оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ. Наздикии забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ. Шарҳи гурӯҳҳои алоҳидаи оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ. Фонетикаи ҳиндуаврупоӣ. Садонокхо, ҳамсадоҳо ва сонантхо. Назарияи шаҷара ва мавҷ дар муайян намудани забони мабдаъ(нахустзабон). Ҳиссаҳои номии нутқ дар забони ҳиндуаврупоӣ. Категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои номии нутқ. Системаи падежҳои ҳиндуаврупоӣ. Муқоисаи падежҳои забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо забони ғайриҳиндуаврупоӣ. Шаклҳои гуногуни системаи феъл.

**Мавзӯи 3. Давраҳои инкишофи таърихи забонҳои эронӣ**

Омил ва меъёрҳои асосии ба давраҳои инкишоф ҷудо намудани забонҳои эронӣ:

а) аҳди бостон ё худ давраи қадим (аз қадим то асрҳои IV – III.п.а.м).

б) давраи миёна (асрҳои IV-III п.а.м - асрҳои VII-VIII мелодӣ).

в) давраи нав аз асрҳои VIII-IX мелодӣ то рӯзҳои мо.

Забонҳои эронии аҳди бостон: забони порсии қадим, забони авестоӣ, забони модӣ, забони скифии сарматӣ. Маълумоти мухтасари таърихӣ, этникӣ ва забонӣ оид ба қавмҳои мазкур.

**Мавзӯи 4. Забони порсии қадим**

Маҳалли пайдоиш ва густаришу интишори забони порсии қадим. Ёдгориҳои хаттии забони мазкур. Катибаи Дорои I (522-486п.а.м)-матни Бағистон (Бесутун), Нақши Рустам, катибаҳои Ариярамна ва Аршома, Куруши Кабир, катибаҳои Персеполис, Хуз. Таърихи омӯзиши забони порсии қадим. Саҳми олимону сайёҳони аврупоӣ – Шарден, Карстен Нибур, О.Тисхен, Г.Гротофенд, дар омӯзишу кашфи асрори хати мехӣ(фонавӣ). Аҳамияти таърихии ёдгориҳои хаттии забони порсии қадим дар омӯзишу тадқиқи забон, таърих ва ҷуғрофияи мардуми эронинаҷод.

Хусусиятҳои морфологии забони порсии қадим.Тасрифи ҳиссаҳои номии нутк. Исм ва сифат дар забони порсии қадим. Категорияҳои ҷамъбандӣ, артикл ва дараҷаҳои сифат. Ҷонишинҳои шахсӣ, бандакҷонишинҳо ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, нисбӣ ва таъинӣ. Шумора ва зарф. Пешоянду пасояндҳо.

Бо роҳҳои гуногун ташаккул ёфтани асос ва реша. Роҳҳои аз асос сохта шудани реша. Асосҳои феъл.Тарзҳои феъл, сиғаҳои феъл.Тасрифи феъл ва асосҳои он. Сифати феълӣ ва масдар.

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 5. Маълумоти умумӣ дар бораи забони авестоӣ**<br>Пайдоиш ва омӯзиши «Авесто». Таърихи тадқиқи «Авесто». «Авесто» - маҷмӯи матнҳои дини зардуштӣ. Қисматҳои то ба мо расидаи «Авесто». Дараҷаи омӯзиши забони авесто. Гушоишу ниёиш. Аз таърихи тадқиқоти Авесто. Фонетикаи авестоӣ. Садонокҳо, дифтонгҳо, ҳамсадоҳо ва сонантҳо.<br>Грамматика ва лексикаи Авесто. Ҳиссаҳои номии нутқ. Шеваи Авесто. Гуногуншаклӣ дар Авесто. Сохтори морфологии забони авестоӣ. Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номии нутқ. Падежҳо дар забони авестоӣ. Таносуби анҷомаҳои падежӣ дар забони авестоӣ. Истеъмоли феъл дар забони авестоӣ.<br><br>**Мавзӯи 6. Давраи миёнаи забонҳои эронӣ ва инкишофи забон**<br>Маълумоти умумӣ дар бораи мавқеи ҷуғрофӣ, аҳволи таърихӣ, осори хаттӣ ва хусусиятҳои забонии қавмҳои эронӣ ва забонҳои эронии давраи миёна: забони суғдӣ, форсии миёна, бохтарӣ, парфиянӣ, сакӣ -хутанӣ, хоразмӣ, фарғонӣ, аланӣ. Забони форсии (тоҷикии) миёна – давоми бевоситаи забони порсии қадим. Истилои Искандари Макдунӣ ва аз байн рафтани давлати Хохоманишиён. Маҳали пайдоиш, густариш ва интишори забони порсии миёна.<br>Сарчашмаҳои хаттӣ ва катибаҳои муҳимтарини забони порсии миёна: Асарҳои мазмуни динӣ ва шаръидошта. Андарзу пандномаҳо. Осори дорои мазмунҳои адабӣ, хуқуқӣ ва таърихиву ҷуғрофидошта.<br><br>**Мавзӯи 7. Хусусиятҳои морфологии забони порсии миёна**<br>Исм дар забони порсии миёна. Категорияҳои ҷамъбандӣ, муайянӣ ва номуайянӣ дар исм. Префиксу суффиксҳои исмсоз. Дараҷаҳои сифат. Таъғироти овозии шумораҳои микдорӣ. Роҳҳои ташаккул ва сохта шудани шумораҳои тартибиву таркибӣ ва касриву чудоӣ. Ҷонишинҳои шахсӣ, саволӣ, нафсӣ, таъинӣ, манфӣ. Феъл ва зарф дар забони порсии миёна. Феъл чун ҳиссаи нутк. Категорияҳои шахс, шумора, замон, сиға ва тарз дар забони форсии миёна. Таърихи ташаккули масдар. Зарф. Зарфҳои замону макон ва саволӣ.<br><br>**Мавзӯи 8. Маълумот дар бораи забонҳои парфиёнӣ ва саккоии хутанӣ**<br>Грамматикаи забони парфиёнӣ. Алифбои парфиёнӣ. Фонетика. Ҳиссаҳои нутқ. Таъғири асосҳо дар исм. Дараҷаҳои сифат. Ҷонишинҳои энклитикӣ, ишоратӣ, пурсишҷонишинҳо, номуайянӣ. Таъғироти феълҳо дар забони парфиёнӣ. Мавҷудияти матнҳо бо забони парфиёнӣ. Забони саккоии хӯтанӣ<br>Грамматикаи забони саккойии хӯтанӣ. Гурӯҳи забонҳои хутанӣ. |

| | |
|---|---|
| | Хусусиятҳои забонии забони саккоии хутанӣ.<br><br>**Мавзӯи 9. Системаи хаттии забони суғдӣ**<br>Маълумот дар бораи забони суғдӣ. Ҳудуди паҳншавии ин забон ва минтақаҳои асосии густариши он. Системаи хаттии забони суғдӣ. Сарчашмаҳои хаттии забони суғдӣ. Гурӯҳҳои махсуси манбаъҳои хаттии забони суғдӣ. Давлати Суғд ва гузаштагони мо. Инкишофи сохти грамматикии забони суғдӣ. Фонетикаи забони суғдӣ. Сохтори морфологии забони суғдӣ. Системаи феъли суғдӣ. Қонунияти «мавзунияти асос» ва инкишофи сохти грамматикии забони суғдӣ.<br><br>**Мавзӯи 10. Маълумот дар бораи забонҳои бохтарӣ ва хоразмӣ**<br>Пайдоиш ва густариши забони бохтарӣ. Ёдгориҳои забони бохтарӣ: Сурхкутал, Ялангтуштеппа Зартепа, ва Теппаи Шоҳӣ. Алифбои забони бохтарӣ. Хусусиятҳои забонии забони бохтарӣ. Ҳиссаҳои номии нутк. Таркиби луғавии забони бохтарӣ. Бохтари таърихӣ.<br>Минтақаҳои густариши забони хоразмӣ. Сарчашмаҳои хаттии забони харазмӣ. Саҳми Абурайхон Берунӣ, Замахшарӣ ва Мухтор Зоҳид дар омӯзиши забони хоразмӣ. Фарқияти ҷудогонаи хусусиятҳои забонии забони хоразмӣ. Системаи фонетикӣ ва сохтори грамматики забони хоразмӣ. Тадқиқодчиёни забони хоразмӣ.<br><br>**Мавзӯи 11. Забонҳои эронии давраи нав**<br>Маълумоти мухтасар роҷеъ ба забонҳои ин давра. Таснифоти диалектологии онҳо: гуруҳи ғарбӣ: тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ, тотӣ, толишӣ, курдӣ, лурӣ, гелонӣ, мозандаронӣ, балучӣ, ормурӣ, порочӣ; гурӯҳи шарқӣ: пашту (афғонӣ), осетинӣ, яғнобӣ; гурӯҳи забонҳои помирӣ. Забонҳои зиндаи дорои хат ва бехат. Забони давлатӣ ва миллӣ будани қисме аз онҳо ва аз ин «неъмат» маҳрум будани қисми дигар.<br><br>**Мавзӯи 12. Шаклгирии забони дарӣ**.<br>Ривоҷу равнақ ва мавқеи забони дарӣ дар давраи Сомониён. Васеъ гардидани доираи истеъмоли он. Ба дараҷаи забони давлатӣ расидани забони дарӣ. Ташаккули забони дарӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон. Ба камоли авҷ расидани забони дарӣ дар давраи Сомониён. Сабаби унсурҳои забонҳои гуногунро иқтибос намудани забони дарӣ. Намунаҳои фарҳангии забони дарӣ. Мутобиқати сохти морфологии забони дарӣ бо сохти морфологии забони адабии ҳозираи тоҷик. Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номии нутқ. Синтаксиси |

| | |
|---|---|
| | забони дарӣ. Мубтадо. Ифодаи муносибатҳои мубтадо ва пуркунанда дар забони дарӣ. Муайянкунанда ва ифодаи он.<br>Давраҳои ташаккул ва инкишофи забони дарӣ. Маълумот доир ба масъалаҳои пайдоиши забони адабии тоҷик. Ҷорӣ шудани хату алифбои забони арабӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон. Давраи аввали инкишофи забони адабии точик. Ташаккули забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-X. Ба давраҳо ва марҳилаҳо ҷудо кардани таърихи забони адабӣ. Хусусиятҳои хоси забони адабии тоҷик дар аҳди давлати мутамаркази Сомониён. Хусусиятҳои асосии забони назм дар асри X. Ёдгориҳои хаттии асри X ва мазмуну мундариҷаи онҳо. Забони «Шоҳнома»и Абӯмансурӣ. Хусусиятҳои луғавии «Ҳудуд-ул-олам». Тафовутҳои семантикии калимаҳо дар забони адабии асри X.<br><br>**Мавзӯи 13. Хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии забони осори хаттии асрҳои IX-X**<br>Хусусиятҳои лексикии забони адабии тоҷик дар асри X. Таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-X ва мавқеи калимаҳои иқтибосӣ. «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва аҳамияти он. Хусусиятҳои грамматикии забони адабии тоҷик дар асрҳои IX-X. Вазифаи грамматикии исм, сифат, шумора ва ҷонишин. Феъл ва хусусиятҳои грамматикии он дар забони адабии асри X. Калимасозии зарф дар забони адабӣ. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ва вазифаҳои грамматикии онҳо дар осори адибони асрҳои IX-X.<br><br>**Мавзӯи 14. Рӯдакӣ - асосгузори забони адабии точик**<br>Осори Рӯдакӣ ҳамчун сарчашмаи ташаккули забони адабии точик. Рӯдакӣ ва хизматҳои шоёни ӯ дар ташаккули забони адабии тоҷик. Унсурҳои нутқи гуфтугӯӣ дар ашъори Рӯдакӣ. Мавқеи калимаҳои иқтибосӣ дар ашъори шоир. Ибораҳои рехта ва таъбирҳои маҷозӣ дар шеърҳои ӯ. Забон ва услуби ашъори Рӯдакӣ аз дидгоҳи олимон.<br><br>**Мавзӯи 15. Мавқеи Фирдавсӣ дар инкишофи забони адабии точик**<br>Мавқеи Фирдавсӣ дар таърихи забони адабии тоҷик. Шоҳнома намунаи дурахшони ёдгории хаттии асри X. Корбасти вожаҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Мавқеи синонимҳо, таркибҳои феълӣ, калимаҳои гуфтугӯӣ-халқӣ, ибораҳои рехта, зарбулмасалҳои халқӣ ва хусусиятҳои онҳо дар «Шоҳнома».<br><br>**Мавзӯи 16. Инкишофи забони адабии тоҷик дар асрҳои XI-XIII ва ба вуҷуд омадани асарҳои насрӣ**<br>Ба вуҷуд омадани насри классикӣ ва аҳамияти он, дар инкишофи забони |

| | |
|---|---|
| | адабии тоҷик. «Қобуснома» ва хусусиятҳои забонии он. «Сафарнома» ва махсусияти он. Хусусияти луғавии онҳо. Фонди асосии луғави ва сохти грамматикии забони адабии точик дар асрҳои XI-XIII.<br><br>**Мавзӯи 17. Забони адабии тоҷик дар асрҳои XIII-XV, ба вуҷуд омадани насри содда ва мураккаб**<br>Мавқеи забони адабии тоҷик дар асарҳои XIII-**XV**. Забон ва услуби асарҳои насрии ин давра. Забони «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Хусусияти луғавии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва аҳамияти он. Хусусиятҳои забони асарҳои асри XV. Аҳамияти асарҳои ин давра (асрҳои XIII-XV) дар пешрафти забони адабии тоҷик.<br><br>**Мавзӯи 18. Забони адабии тоҷик дар асрҳои XVI ва XIX**<br>Забони адабии тоҷик дар асрҳои XVI-XVIII. Хусусияти луғавии асарҳои ин давра. Махсусияти ба худ хоси забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Муҳаммад Восифӣ. Забони назм дар охири асри XIX. Афзоиши майли наздикшавӣ ба забони зинда дар назми асри XIX. Таҳлили забон ва услуби назми адибони маорифпарвар: Шоҳин, Савдо, Ҳайрат.<br><br>**Мавзӯи 19. Вазъияти забони адабии точик дар ибтидои асри XX**<br>Шароити зиндагӣ ва таърихии Осиёи Миёна дар асри XX. Ғалабаи равияи содданависӣ бар равияи душворнависии анъанавӣ. «Тӯҳфаи аҳли Бухоро» -и Мирзо Сироҷи Ҳаким ва “Тазҳиб-ус-сибён” – и С.Айнӣ. Забони асарҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. Адибони маорифпарвар ва хизматҳои онҳо дар инкишофи забони точикӣ. Аҳмади Дониш ва мавқеи ӯ дар инкишофи забони адабии точик. Хусусиятҳои забонии асарҳои ибтидои асри XX.<br><br>**Мавзӯи 20. Мавқеи Аҳмади Дониш дар таърихи забони тоҷикӣ**<br>Забон ва тарзи баёни адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX. Мавқеи калимаҳои гуфтугӯӣ-халқӣ дар асарҳои Аҳмади Дониш ва аҳамияти онҳо. Истифодаи калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар осори Аҳмади Дониш ва сабабҳои иҷтимоӣ ва таърихии он. Иқтибоси калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар осори Аҳмади Дониш ва зарурати он. Хусусиятҳои грамматикии забони осори Аҳмади Дониш. Хусусияти номуайянӣ дар байни забони адабии пешина ва ҳозираи точик.<br><br>**Мавзӯи 21. Забони адабии тоҷик ва Садриддин Айнӣ**<br>Садриддин Айнӣ ва матбуоти тоҷик дар солҳои 20-30. Мавқеи матбуоти |

даврӣ дар ҳаёти сиёсӣ, адабӣ ва ҷамъиятии халқи тоҷик. Забон ва услуби матбуоти даврӣ ва мавқеи он дар солҳои 20. Хизматҳои бузурги устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик. Садриддин Айнӣ ва забони халқӣ. Гуфтаҳои устод Айнӣ оиди матбуоти даврӣ ва забони халқ.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Таҷзияи оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ.
2. Тавсифи ҳиссаҳои нутқ дар матн
3. Алифбои авестоӣ дар аҳди Сосониён
4. Таҳлили лексикӣ ва грамматикии ҷумлаҳо дар «Катибаи Бесутун»
5. Ҳиссахои номии нутқ дар забони порсии миёна
6. Хусусиятҳои синтаксисии забони порсии миёна
7. Фонетикаи забони порсии миёна
8. Хусусияти лексикии забони асрҳои IX-X
9. Хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисии забони дарӣ
10. Хусусияти лексикӣ ва грамматикии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ
11. Таҳлили лингвистии «Қобуснома» ва «Сафарнома»
12. Махсусияти ба худ хоси забони «Бадоеъ-ул ваҳоеъ»-и Восифӣ
13. Забони асарҳои Аҳмади Дониш.
14. С.Айнӣ ва забони матбуоти тоҷик

Машғулотҳои амалӣ бояд дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим гузаронида шавад. Ба роҳ мондани машғулотҳо бо ёрии усули фаъол ва интерактив, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборӣ самаранок истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Мавқеи давлатҳои аввалин дар рушду такомули забон
2. Пайдоиши хат ва забонҳои аввалин
3. Аҳамияти таърихии ёдгориҳои хаттии забони порсии қадим дар омӯзишу тадқиқи забон, таърих ва ҷуғрофияи мардуми эронинажод
4. Таърихи тадқиқи «Авесто».
5. Падежхо дар забони авестоӣ.
6. Асосҳои феъл дар забони форси қадим.
7. Тавсифи ҳиссаҳои нутқ дар матнҳои давраи қадим.

| | |
|---|---|
| | 8. Исмҳои хос дар давраи қадим ва таҳлили лексикии онҳо.<br>**9.** «Деваштич» ва мавқеи он дар таърихи забони тоҷикӣ.<br>**10.** Маҳалли пайдоиш, густариш ва интишори забони порсии миёна.<br>11. Таҳлили ҳиссаҳои нутқ дар матнҳои давраи миёна.<br>12. Системаи фонетикӣ ва сохтори грамматикии забони бохтарӣ.<br>13. Ҳиссаҳои номии нутқ дар забони парфиёнӣ.<br>14. Корбасти пайвандакҳо дар осори асрҳои IX-X.<br>15. Лексикаи динию ирфонии осори Рӯдакӣ.<br>16. Маҷоз ва навъҳои он дар ашъори Рӯдакӣ.<br>17. Истифодаи синонимҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.<br>18. Истифодаи антонимҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.<br>19. Зарбулмасалҳои халқӣ ва хусусиятҳои онҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.<br>20. «Қобуснома» ва хусусияти забонии он.<br>21. Хусусияти луғавии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ.<br>22. Корбасти синонимҳо дар ғазалиёти Саъдӣ.<br>23. Забони «Бадоеъ-ул вақоеъ»-и Восифӣ.<br>24. Забони «Наводир-ул вақоеъ»-и Аҳмади Дониш.<br>25. Калимаҳои иқтибосӣ дар ашъори Аҳмади Дониш ва аҳамияти онҳо.<br>26. Хизматҳои бузурги устод Айнӣ дар инкишофи забони адабии тоҷик.<br>27. Иборахои рехта дар «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ.<br>28. Корбасти пайвандакҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ.<br>29. Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ.<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани такдимот тавсия карда мешавад. |
| | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенсияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• ба таърихи қадимтарин соҳиб будани забони тоҷикӣ, омилҳои ташаккул ва таҳаввули он, оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, шохаҳои забонии он, гурӯҳи забонзои эронӣ, давраҳои таърихии тараққиёти забонҳои эронӣ, хат ва навъҳои он, намунаҳои ёдгориҳои хаттии давраи қадим, асрҳои миёна ва нави таърихи забони тоҷикӣ, бобати муайян намудани вазъи забон дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ, омилҳои забонӣ ва нозабонӣ ва мавқеи онҳо дар рушду такомули забони тоҷикӣ ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• дар бораи равобиту пайвандҳои таърихи забони тоҷикӣ бо забонҳои эронии муосир ва бостон дар ҷараёни таълими фан истифода намудан ва ҳолати забонро дар ин ҷараён муайян карда тавонистан, бо тадқиқоти илмии фанни мазкур комилан ошноӣ доштан ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо самаранок истифода намуда, ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;*** |

| | |
|---|---|
| | • доир ба оиди қонуниятҳои дохилӣ ва инкишоф, омилҳои ташаккули забон, дараҷаи тадқиқи он ва категорияҳои грамматикиву ҳолати таърихӣ ва ҳаёти имрӯзаи забонҳои эронӣ бо воситаи фан огоҳ бошад, донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар асоси матнҳои боқимондаи забони қадимаи тоҷик таҳлил карда, онро дар амал тадбиқ намуданро бакалавр бояд донад ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>•маърӯзаҳо<br>•кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>•семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>•бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>•тақдимот намудан;<br>•лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>•лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| | **VII. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| | **Адабиёти асосӣ**<br>1. Гертсенберг Л.Г., Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1983.<br>**2.** Мухторов З. Таърихи забони тоҷикӣ. - Душанбе: Ҳумо, 2003. – 150 саҳ.<br>3. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1975;<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>4. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.<br>5. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.<br>6. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.<br>7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”-ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>8. Воҳидов А. Материалҳо аз таърихи забони адабии тоҷик. Самарқанд – |

2001.
9. Истамова М. Таърихи забони адабии тоҷик. Самарқанд – 2006;
10. Каримов А. Хрестоматияи забони паҳлавӣ. – Душанбе, 1980;
11. Каримов А. Таҳлили лексикӣ – грамматикии матнҳои тоҷикии қадим. – Душанбе, 1985;
12. «Наводир-ул-вакоеъ». Китоби I, II. Душанбе, Дониш – 1988.
13. Оранский И.М. Иранские языки. – Москва, 1965.
14. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. – Москва: Наука, 1980.
15. Оранский И.М. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. – Москва: Наука, 1980
16. Оранский И.М. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. – Москва: Наука, 1984
17. Оранский И.М. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. – Москва: Наука, 1986
18. Саъдии Шерозӣ «Гулистон». – Душанбе, 1981.

**Манбаъҳои аҳборӣ:**

19. www.ZiyoNet.uz
20. www.wekopedia.tj
21. http://www.foxitsoftware.com
22. www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame09.pdf
23. www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame05.pdf
24. www.ziyouz.com kutubxonasi

Дастури фан ___________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст.

**Масъулон ба фан/модул:**

Г.Адашуллоева – доктори фалсафа дар фанҳои филологӣ (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС

**Муқарризон:**

С.Маҷидова - доктори фалсафа дар фанҳои филологӣ (PhD), муаллимаи кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС

Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС

**Кафедра мудири:** Ч. Ҳамроев **проф.Ч.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** ________ **проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**

**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**

________**А.С.Солеев**

"24" Август **2021 йил**